# ҚАРОРИ
# ПЛЕНУМИ СУДИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
# №1

**аз 25 июни соли 2012** **шаҳри Душанбе**

## Дар бораи татбиқ намудани меъёрҳои қонунгузории ҷиноятӣ ва мурофиавии ҷиноятӣ оид ба мубориза бар зидди шиканҷа

Бо мақсади таъмини дуруст ва якхелаи татбиқи меъёрҳои Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ҳуқуқу озодиҳо ва дахлнопазирии шахс, шаъну шарафи инсон ва шаҳрвандро таъмин менамоянд, инчунин ба тариқи дахлдор иҷро намудани ӯҳдадориҳое, ки аз Конвенсияи Созмони Милали Муттаҳид зидди шиканҷа ва дигар намудҳои муносибат ва ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ ё таҳқиркунандаи шаъну шараф (минбаъд Конвенсия) ва дигар санадҳои ҳуқуқии байналмиллалие, ки аз тарафи Тоҷикистон эътироф шудаанд, бармеоянд, дар асоси моддаи 27-и Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон», Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон,-

## Қ А Р О Р К А Р Д:

1.Диққати мақомоти таъқиби ҷиноятӣ, суд, судяҳо ба он ҷалб карда шавад, ки мувофиқи қисми 3-и моддаи 18 Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳеҷ кас шиканҷа, ҷазо ва муносибати ғайриинсонӣ раво дида намешавад.

2. Бояд дар назар дошт, ки масъалаи мубориза бар зидди шиканҷа, дигар намудҳои муносибат ва ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ ё таҳқиркунандаи шаъну шараф ба ғайр аз меъёрҳои дахлдори Конститутсия (Сарқонун), Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд КҶ), Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд КМҶ), Кодекси Граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд КГ) боз бо санадҳои зерини ҳуқуқии байналмилалие, ки аз тарафи Тоҷикистон эътироф шудаанд ба танзим дароварда шудаанд:

а) Эъломияи умумии ҳуқуқи башар (соли 1948);

б) Паймони байналхалқӣ доир ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ (соли 1966);

в) Конвенсияи СММ зидди шиканҷа ва дигар намудҳои муносибат ва ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ ё таҳқиркунандаи шаъну шараф (соли 1984).

3. Тибқи талаботи моддаи $143^1$-и КҶ зери мафҳуми шиканҷа қасдан расонидани азобу уқубати ҷисмонӣ ва (ё) рӯҳӣ, ки аз ҷониби шахсе, ки таҳқиқ ё тафтишоти пешакӣ мегузаронад ё шахси мансабдори дигар ё бо таҳрики онҳо ё розигии хомӯшонаи онҳо ё бо огоҳӣ доштани онҳо аз ҷониби шахси дигар, бо мақсади аз шахси таҳти шиканҷа қарордошта ё шахси сеюм гирифтани маълумот ё иқроршавӣ ё ҷазо додани ӯ барои ҳаракате, ки содир намудааст ё дар содир намудани он гумонбар шудааст, инчунин тарсонидан ё маҷбур кардани ӯ ё шахси сеюм ё бо сабаби дигаре, ки ба ҳар гуна табъиз (дискриминатсия) асос ёфтааст, содир шудааст, фаҳмида мешавад.

Шиканҷа метавонад на танҳо дар ҳаракати мақсаднок, балки дар беҳаракатӣ низ зоҳир гардад, вақте ки шахси мансабдор вазифадор аст, дарк намояд, ки оқибати чунин беҳаракатӣ боиси расонидани азобу уқубати ҷисмонӣ ва ё рӯҳӣ мегардад.

Чун шиканҷа бояд ҳаракатҳое, ки ба расонидани азобу уқубати ҷисмонӣ ва ё рӯҳӣ овардаанд, инчунин дар натиҷаи онҳо маълумот ё худиқрориро на танҳо шахси бевоситаи зери шиканҷа қарордошта, ҳамзамон шахси сеюм низ додааст, дониста мешаванд.

Дар ин ҳолат ба сифати ҷабрдидаи шиканҷа эътироф намудани ин шахси сеюм низ зарур аст, зеро ӯ аз шиканҷа азобу уқубати ҷисмонӣ ва (ё) рӯҳӣ дидааст.

Шиканҷа метавонад на танҳо ба мақсади ба даст овардани иттилоот (худиқрорӣ, нишондод, маълумоти хусусияти дигар дошта), инчунин барои ҷазодиҳии шахс оид ба кирдори содирнамуда ё ҳаракате, ки бо он айбдор гардидааст, равона карда шавад.

Ҳамчун шиканҷа ҳаракате, ки ба расонидани азобу уқубати ҷисмонӣ ва ё рӯҳӣ бо маҷбур намудани шахси зери шиканҷа қарордошта ё шахси сеюм ба содир кардан ё накардани ягон хел ҳаракатҳо алоқамандбуда равона гардидааст, бояд банду баст карда шавад.

Шиканҷа, инчунин метавонад дар расонидани азобу уқубати ҷисмонӣ ва ё рӯҳӣ вобаста ба нажод, миллат, муносибат ба дин, баромади иҷтимоӣ, забон, ҷинс, синну сол ё дигар мансубияти шахс, аз ҷумла марбут ба фаъолияти муайян ё мавқеи шахсӣ нисбати масъалаи муайян фаҳмида шавад.

4. Зери мафҳуми «азобу уқубати ҷисмонӣ» (азият, дард) чунин азобу уқубате (азият, дард) фаҳмида мешавад, ки шахсро аз имконияти бо ирода мувофиқи хоҳиш, ният ва манфиати худ амал намудан маҳрум мекунанд ё ин ки ҷиддан аз чунин имкониятҳо маҳдуд месозанд.

Ба азобу уқубати ҷисмонӣ ва ё рӯҳӣ нигоҳ доштани шахс дар ҷое, ки ҳаво ба сатҳи кифоя ворид намешавад, аз сабаби камрӯшноӣ нури чашми шахси дар он ҷо дуру дароз нигоҳдошта паст мегардад, дар якҷоягӣ нигоҳ доштани беморони вазнини сироятгузаранда бо солимон, шахсони баръало ғазаболуд бо дигарон, тибқи меъёрҳои муқарраргардида таъмин накардани гумонбаршуда, айбдоршаванда, судшаванда ё маҳкумшуда дар камера бе ҷои хоби алоҳида ё майдони зист дар он ва ғайра дохил мешаванд.

Таҳти мафҳуми «таҳрик» таъсири як шахс ба шахси дигар бо роҳи багапдарорӣ, порадиҳӣ, таҳдид ё ба тарзи дигар, ки дар натиҷаи он шахси дуюм ихтиёран кирдореро содир менамояд, ки дар ҳолати дигар содир намекард, фаҳмида мешавад.

Мафҳуми шахси мансабдори дигар, ки дар моддаи 143[1]-и КҶ дарҷ шудааст на танҳо шахси мансабдори мақомоти таъқиби ҷиноятӣ, балки шахсеро низ дар назар дорад, ки ба таври доимӣ, муваққатӣ ё бо ваколати махсус вазифаи намояндаи ҳокимиятро ба ҷо меоварад ё вазифаҳои ташкилию амрдиҳӣ, маъмурию хоҷагидориро дар мақомоти ҳокимияти давлатӣ, муассисаҳои давлатӣ, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ, инчунин дар Қувваҳои мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар қушунҳо ва ҷузъу томҳои ҳарбии Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом медиҳад (банди 2-и эзоҳ ба моддаи 314 КҶ).

5.Шиканҷа бояд аз дигар ҳаракатҳои марбут ба сӯиистифода аз ваколатҳои мансабӣ, ё баромадан аз ҳадди ваколатҳои мансабӣ, ки бо моддаҳои 314 ва 316-и КҶ ҷавобгарии ҷиноятӣ пешбинӣ шудааст, фарқ карда шавад.

Кирдор, агар бо расонидани азобу уқубати ҷисмонӣ ва ё рӯҳӣ ба ҷабрдида аз ҷониби шахси мансабдор барои ноил гардидан ба мақсадҳои дар моддаи143[1]-и КҶ нишондодашуда, содир шуда бошанд дар асоси меъёри махсуси моддаи дар боло зикргардида бояд банду баст карда шавад. Дар ин ҳолат кирдори содиршуда банду басти иловагиро бо моддаҳои 314 ва 316-и КҶ талаб наменамояд.

6.Вайрон кардани қоидаҳои оинномавии муносибатҳои байниҳамдигарии хизматчиёни ҳарбӣ дар ҳолати набудани тобеияти хизматӣ дар байни онҳо, сӯиистеъмоли ҳокимият ё мақоми хизматӣ, аз ҳадди ваколатҳои мансабӣ ё хизматӣ баромадан, инчунин бефаъолиятии ҳокимият дар сурати набудани мақсад, ки дар моддаи 143[1] КҶ нишон дода шудааст, мутобиқан бо моддаҳои 373 ва 391 КҶ банду баст карда, бо моддаи 143[1] КҶ банду басти иловагиро талаб намекунад.

7.Ҳангоми ҷудо намудани шиканҷа аз қасдан расонидани зарари вазнин, миёна ва сабук ба саломатӣ (моддаҳои 110, 111, 112, 115-и КҶ) бояд дар назар дошт, ки расонидани азобу уқубати ҷисмонӣ ва ё рӯҳӣ бо кирдори зикргардида, дар сурате ҳамчун шиканҷа банду баст карда мешавад, агар муайян гардад, ки онҳо аз ҷониби муфаттиш, таҳқиқбаранда ё дигар шахси мансабдор бо мақсади ноил гардидан ба мақсадҳои дар қисми 1-и моддаи 143[1] КҶ пешбинишуда содир шуда бошанд.

Агар дар натиҷаи шиканҷа шахс то ба худкушӣ расонида шуда бошад, ба саломатии ҷабрдида қасдан зарари вазнин ё миёна расонида шуда бошад, ё ин ки аз беэҳтиётӣ боиси марги ҷабрдида гардида бошад, чунин ҳаракат қисми дахлдори моддаи $143^{1}$ КҶ-ро дар бар гирифта, банду бaсти иловагиро бо моддаҳои 109,110, 111-и КҶ талаб наменамояд.

Қасдан расонидани зарари вазнин ё миёна ба саломатӣ дар ҳолати баромадан аз ҳадди чораҳои зарурӣ ҳангоми дастгир кардани шахси ҷиноят содирнамуда шиканҷа набуда, бо моддаи 115-и КҶ банду баст карда мешавад.

8. Дар сурате, агар куштори шахси гирифтори шиканҷа бо мақсади рӯйпӯш намудани расонидани азобу уқубати ҷисмонӣ ва ё рӯҳӣ содир шуда бошад, он гоҳ чунин ҳаракат бояд дар маҷмӯъ бо моддаи $143^{1}$ ва банди «л» қисми 2-и моддаи 104 КҶ, яъне ҳамчун шиканҷа ва одамкушӣ бо мақсади рӯйпӯш намудани ҷинояти дигар банду баст карда шавад.

Агар дар натиҷаи шиканҷа ҷабрдида ба ҳолати оҷизӣ оварда, сипас ба марг расонида шуда бошад, куштори чунин шахс бояд илова бо банди «в» қисми 2-и моддаи 104 КҶ ҳамчун куштани шахсе, ки дар ҳолати оҷизӣ қарор доштани ӯ барои гунаҳгор баръало аён аст, банду баст карда шавад.

Агар дар ҷараёни шиканҷа нисбати шахс таҳдиди куштан ё расонидани зарари вазнин ба саломатӣ ифода гардида бошад ва ҷабрдида асоси воқеии чунин таҳдидро ҳис намояд, он гоҳ чунин ҳаракат дар маҷмӯъ бо моддаи 120 КҶ, яъне таҳдиди куштан ё расонидани зарари вазнин ба саломатӣ банду баст карда намешавад.

9. Ҳаракатҳои қонунии зерини шахсони мансабдор оид ба татбиқи чораҳои маҷбуркунии мурофиавӣ шиканҷа эътироф намешаванд: пешгирии ҳаракатҳои зиддиҳуқуқии гумонбаршуда (айбдоршаванда, судшаванда, маҳкумшуда); истифодаи қонунии яроқ ва воситаҳои махсус (кишанҳо, калтакҳо ва ғайра); дастгир кардан; дар ҳабс нигоҳ доштан бо қарори дахлдори таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор ва суд, дар асоси ҳукми суд аз озодӣ маҳрум сохтан ва дигар ҳаракатҳои мақомоти таъқиби ҷиноятӣ, ки баҳри иҷроиши вазифаҳои мурофиавии ҷиноятӣ равона карда шудааст.

Татбиқи зӯроварии ҷисмонӣ ё рӯҳӣ барои ноил гардидан ба мақсадҳои дар қисми 1-и моддаи $143^{1}$ КҶ қайдгардида бо баҳонаи ба амал баровардани чораҳои маҷбуркунии мурофиавӣ ҷавобгарии ҷиноятиро бо меъёри зикргардидаи қонуни ҷиноятӣ ба вуҷуд меорад.

10. Барои шарикӣ дар содир намудани ҷинояти шиканҷа на танҳо ҳамон шахсони мансабдоре, ки азобу уқубати ҷисмонӣ ва ё рӯҳиро расонидаанд, балки ташкилкунандагон, таҳриккунандагон ва ёрдамчиёни шиканҷа, ки шахси мансабдор намебошанд, ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешаванд. Шахси мансабдоре, ки бо огоҳӣ доштан ё розигии хомӯшонаи ӯ, инчунин бо саҳлангории ӯ ё ин ки қаблан ваъдаи рӯйпӯш кардани шиканҷа аз ҷониби иҷрокунандае, ки зери тобеияти шахси мансабдор қарор дорад, содир шудааст, ёрдамчии ҷиноят эътироф карда мешавад. Дар ҳамаи ин ҳолатҳо шахсони мазкур барои шарикӣ дар шиканҷа ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида, ҳаракатҳои онҳо бо моддаҳои 36 ва $143^{1}$-и КҶ банду баст карда мешаванд. Муқаррароти мазкур ба моддаи 1-и Конвенсия мувофиқат мекунад, ки тибқи он барои татбиқи шиканҷа ба ғайр аз иҷрокунанда бояд шахси таҳриккунандаи шиканҷа ё шахсе, ки шиканҷа бо огоҳӣ доштан ё розигии хомӯшонаи ӯ татбиқ шудааст, ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешаванд.

11. Мақомоти таъқиби ҷиноятӣ, суд ва судяҳоро зарур аст, ки ҳангоми банду баст намудани ҳаракатҳои айбдоршаванда, судшаванда бо банди «а» қисми 2-и моддаи $143^{1}$ КҶ ҳамчун такроран содир намудани ҷинояти шиканҷа бояд ба инобат гиранд, ки барои ҷинояти шиканҷаи қаблан содиркардааш гунаҳгор аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод карда нашуда, ё доғи судиаш барҳам нахӯрда ё бардошта нашуда бошад.

Ҳангоми банду баст намудани ҳаракатҳои айбдоршаванда, судшаванда бо банди «б» қисми 2-и моддаи $143^{1}$ КҶ ҳамчун аз ҷониби гурӯҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ содир намудани ҷинояти шиканҷа бояд талаботи қисми 2-и моддаи 39 КҶ ба инобат гирифта шавад.

Барои банду басти кирдор бо банди «в» қисми 2-и моддаи $143^{1}$ КҶ қонун ҳамчун шарти зарурӣ талаб менамояд, ки гунаҳгор бояд донад, ки ҷабрдида ҳомиладор аст, ё баръало ноболиғ аст ё дар ҳолати маъюбӣ қарор дорад ва дидавуදониста ин ҷиноятро содир кардааст. Дар бораи

аниқ донистани ин ҳолат масалан, нишонаҳои берунии ҳомила, маъюб, ноболиғ будан ва дигар маълумоти мавҷуда метавонанд шаҳодат диҳанд. Шахсе, ки барои ҳомиладории ҷабрдида маълумоти аниқ надорад, бо банди «в» қисми 2-и моддаи 143[1] КҶ ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида намешавад. Давомнокии ҳомиладорӣ ба банду басти кирдори содиргардида, дар чунин шакл аҳамият надорад. Зери мафҳуми шахси ноболиғ шахси ба синни ҳаждаҳсолагӣ нарасида фаҳмида мешавад. Зери мафҳуми маъюб шахсони маъюби гурӯҳҳои гуногун, беморон, шахсони гирифтори касалиҳои рӯҳӣ ва дигар шахсоне, ки дар ҳолати оҷизӣ қарор доранд, ба ҳисоб мераванд.

Бо банди «г» қисми 2-и моддаи 143[1] КҶ бояд шиканҷае банду баст карда шавад, ки бо расонидани зарари миёна ба саломатӣ содир шуда бошад. Дар ин маврид ҳаракатҳои гунаҳгор банду басти иловагиро бо моддаҳое, ки ҷавобгарии ҷиноятиро барои қасдан расонидани зарари миёна ба саломатии шахс вобастаанд, талаб намекунад.

Барои банду басти кирдор бо банди «а» қисми 3-и моддаи 143[1] КҶ истифодаи шиканҷае банду баст карда мешавад, ки бо расонидани зарари вазнин ба саломатӣ содир шуда бошад. Дар чунин ҳолат ҳаракатҳои гунаҳгор банду басти иловагиро бо моддаҳое, ки барои расонидани зарари вазнин ба саломатии шахс вобастаанд, талаб намекунад.

Дар ҳолате, ки агар дар рафти истифодаи шиканҷа аз беэҳтиётӣ ба марг расонидани ҷабрдида ё боиси дигар оқибатҳои вазнин гардида бошанд, кирдори содиршуда бояд бо банди «б» қисми 3-и моддаи 143[1] КҶ банду баст карда шавад.

12. Мутобиқи талаботи қисми 3-и моддаи 22 КМҶ суд, судя, прокурор, муфаттиш, таҳқиқбаранда вазифадоранд ба гумонбаршуда, айбдоршаванда, судшаванда ва маҳкумшуда ҳуқуқҳояшонро фаҳмонанд, ба онҳо имконият фароҳам оваранд, ки бо усул ва воситаҳои муқаррарнамудаи қонун худро ҳимоя кунанд, инчунин ҳифзи ҳуқуқи шахсӣ ва молу мулкии онҳоро таъмин намоянд.

Дар ҳолатҳои пешбининамудаи қонун шахсоне, ки пешбурди парвандаи ҷиноятӣ ба зиммаашон гузошта шудааст, вазифадоранд иштироки ҳимоятгари гумонбаршуда, айбдоршаванда, судшаванда ва маҳкумшударо таъмин намоянд (қисми 5 моддаи 22 КМҶ).

13. Шахси дар содир намудани ҷиноят гумонбаршуда, танҳо ҳангоми мавҷуд будани яке аз асосҳои дар моддаҳои 91, 92, 94-и КМҶ пешбинишуда, дастгир карда мешавад. Дар ин хусус фавран дар давоми 3 соат баъди гузаштани воқеан дастгиршавии шахс бояд протокол тартиб дода, ба муфаттиш ё таҳқиқбаранда барои ҳалли масъалаи дастгиршавии мурофиавии ӯ, супурда шавад.

Ба дастгиршуда тибқи талаботи қисми 2-и моддаи 94 КМҶ протокол эълон карда, ҳамзамон ҳуқуқҳои бо қисмҳои 3, 4-и моддаи 46 КМҶ пешбинишуда, аз ҷумла ҳуқуқи даъват кардани ҳимоятгар ва дар хузури ӯ додани нишондод фаҳмонида, ин маълумот дар протокол сабт карда мешавад. Мутобиқи талаботи қисми 2-и моддаи 199 КМҶ ба шахсе, ки ба пурсиш даъват шудааст, хабар дода мешавад, ки ӯ ба ҳайси кӣ, аз рӯи кадом парвандаи ҷиноятӣ пурсиш мешавад, ҳуқуқу ӯҳдадориҳои ӯ, ки дар Кодекси мазкур пешбинӣ шудаанд, фаҳмонида, дар ин бора дар протокол қайд карда мешавад.

Зери мафҳуми воқеан дастгир кардани шахс, маҳрум кардани ӯ аз имконияти озод гаштан ва анҷом додани ҳаракатҳои дигар тибқи иродаи худ (дастгиршавӣ, ҷисман нигоҳ доштан, дар манзили зист маҳкам кардан, маҷбур кардан ба ягон ҷой рафтан ё ин ки дар ҷои худ мондан ва ғайра) фаҳмида мешавад.

14. Ҷараён ва натиҷаи пурсиш дар протоколи бо риояи талаботи моддаҳои 172 ва 173-и КМҶ тартибдода инъикос карда мешаванд. Инъикоси нишондодҳое, ки дар рафти пурсиш аз шахс пас аз воқеан дастгир кардани ӯ бинобар сабаби гумонбар гардидан дар содир намудани ҷиноят бо роҳи шиканҷа дар шакли «баёнот», «ҳозиршавӣ бо иқрори гуноҳ», «пурсиш ба сифати шоҳид» ва амсоли онҳо ба даст оварда шудаанд, мутобиқи талаботи қисми 3-и моддаи 88 КМҶ беэътибор диниста, барои айбдоркунӣ асос шуда наметавонанд.

15.Ба суд, судяҳо зарур аст, ки дар марҳилаи тосудии мурофиаи ҷиноятӣ ва баррасии парванда ҳангоми санҷиши ариза дар бораи вайрон кардани ҳуқуқу манфиатҳои қонунии иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ, инчунин дигар шаҳрвандон, ҳуқуқҳои аз шаъну шарафи хоси

шахсияти инсон бармеоянд, дида баромадани дархост дар бораи иҷозат додан ба татбиқи чораи пешгирӣ дар намуди ба ҳабс гирифтан бояд ҷиҳати кай шахс воқеан дастгир шудааст, ба кадом мӯҳлат, дар куҷо нигоҳ дошта шудааст, оё протокол тартиб дода шудааст, экспертизаи тиббӣ нисбаташ гузаронида шудааст ё не, инчунин дигар ҳолатҳои бо он алоқамандро муайян намояд.

Оғози мӯҳлати дастгиршавии шахс лаҳзаи воқеан дастгир кардани ӯ ҳисобида мешавад. Вақти мазкур бо қайди ҳатмии соату дақиқа дар протоколи дастгир кардан, ки аз тарафи муфаттиш ё таҳқиқбаранда дар давоми се соат пас аз воқеан дастгир кардани шахс тартиб дода шудааст, нишон дода мешавад.

Суд, судяҳо вазифадоранд дар ҳолатҳои ошкор кардани сохтакории вақти дастгир кардани гумонбаршуда, яъне аломати ҷинояти бо моддаи 323-и КҶ (сохтакории хизматӣ) тибқи талаботи қисми 2-и моддаи 35 КМҶ таъиноти (қарори) хусусӣ бароварда, ҳолати мазкурро ба маълумоти прокурор барои гузаронидани санҷиш ва қабули қарори асосноку қонунӣ расонанд.

16. Мутобиқи талаботи қисми 1-и моддаи 100 КМҶ мақомоти пешбурди мурофиаи судии ҷиноятие, ки шахсро дастгир кардааст, вазифадор аст дар давоми 12 соат аз лаҳзаи дастгиркунии воқеӣ дар бораи дастгиркунӣ ва ҷои нигоҳ доштани дастгиршуда ягон аъзои болиғи оила ё хешовандони наздикро хабардор кунад ё ба худи дастгиршуда имконияти чунин хабардор карданро диҳад, аз ҷумла бо роҳи иҷозат додани занги телефон.

Дар бораи дастгир намудан, ба ҳабс гирифтан ё дароз кардани мӯҳлати дар ҳабс нигоҳ доштани айбдоршавандаи ноболиғ тибқи талаботи қисми 4-и моддаи 427 КМҶ ба намояндагони қонунии ӯ хабар дода мешавад.

Ҳаракати мурофиавии мазкур дар протоколе, ки аз тарафи муфаттиш (таҳқиқбаранда) ва айбдоршаванда (гумонбаршаванда) имзо мегардад, қайд карда мешавад.

17. Бояд дарназар дошт, ки тибқи қисми 2-и моддаи 91 КМҶ дастгир кардани шахс танҳо татбиқ мегардад:

- нисбат ба гумонбаршуда дар содир намудани ҷинояте, ки барои он ҷазо дар намуди маҳрум сохтан аз озодӣ ё нигоҳ доштан дар қисмҳои ҳарбии интизомӣ пешбини шудааст;

- нисбат ба айбдоршаванда ва судшавандае, ки қоидаҳои чораи пешгирии нисбат ба ӯ татбиқшударо вайрон намудааст;

- нисбат ба маҳкумшудае, ки дар ҳаққи ӯ пешниҳоди мақомоти ваколатдор дар бораи бекор кардани шартан татбиқ накардани ҷазо (моддаи 71 КҶ), шартан пеш аз мӯҳлат аз адои ҷазо озод кардан (моддаи 76 КҶ), мавқуф гузоштани адои ҷазо (моддаи 78 КҶ) мавҷуд аст.

Ҳамзамон тибқи талаботи қисми 3-и моддаи 91 КМҶ шахс танҳо дар ҳолатҳои зайл дастгир карда мешавад:

- дар асоси гумони бевосита дар содир намудани ҷиноят;
- дар асоси қарори мақомоти таъқиби ҷиноятӣ;
- дар асоси қарори (таъиноти) суд, судя дар бораи дастгир кардани маҳкумшуда то ҳалли масъалаи бекор кардани шартан татбиқ накардани ҷазо, мавқуф гузоштани адои ҷазо ё шартан пеш аз мӯҳлат аз адои ҷазо озод кардан.

Мутобиқи талаботи қисми 3-и моддаи 92 КМҶ шахсро аз лаҳзаи боздошт зиёда аз 72 соат боздоштан мумкин нест, баъди гузаштани ин мӯҳлат дастгиршуда бояд аз ҳабс озод карда ё дар ҳаққи ӯ чораи дигари пешгирӣ, ба истиснои дар ҳабс нигоҳ доштан татбиқ карда шавад.

18. Дар сурати боздошти гумонбаршуда ё нисбаташ татбиқ намудани чораи пешгирӣ ӯ тибқи қисми 2-и моддаи 46 КМҶ фавран аз лаҳзаи воқеан дастгир карда шуданаш ё нисбаташ татбиқ намудани чораи пешгирӣ, вале на дертар аз 24 соат бояд пурсида шавад ва баҳри таъмини ҳуқуқ оид ба вохӯрӣ дар танҳоӣ, бе маҳдудияти шумора ва давомнокии он ҳимоятгар дошта бошад.

19. Дастгир кардани шахс ҳангоми мавҷуд набудани шарту асосҳои бо моддаҳои 91, 92, 94-и КМҶ пешбинишуда ё ин ки зиёда аз 3 соат бе тартиб додани протоколи дастгиркунӣ, инчунин дар ҳабс нигоҳ доштани шахс бе иҷозати суд зиёда аз ҳафтоду ду соат ва зиёда аз мӯҳлати ба ҳабс гирифтан, ки аз тарафи суд иҷозат дода шудааст, ғайриқонунӣ буда, шахси мазкур бояд фавран аз ҳабс озод карда шавад. Ҳангоми мавҷуд будани қасди бевосита дар содир намудани ҳаракатҳои ғайриқонунии номбаршуда, шахси мансабдор дар асоси моддаи

358-и КҶ (ғайриқонунӣ дастгир кардан ё дар ҳабс нигоҳ доштан) ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешавад.

20. Суд, судя, прокурор, муфаттиш, таҳқиқбаранда вазифадоранд ҳуқуқу озодиҳои шахсро, ки дар мурофиаи судии ҷиноятӣ иштирок мекунанд ҳимоя намуда, ҷиҳати татбиқи онҳо шароит фароҳам оваранд, барои қонеъ намудани талаботи қонунии иштирокчиёни мурофиаи судӣ сари вақт чораҳо андешанд. Товони зараре, ки ба шахс ҳангоми пешбурди парвандаи ҷиноятӣ дар натиҷаи риоя накардани ҳуқуқу озодиҳои ӯ расонида шудааст, бояд тибқи муқарраротри қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон рӯёнида шавад (моддаи 12 КМҶ).

Мақомоти таъқиби ҷиноятӣ вазифадор аст ба шахси дучори шиканҷа гардида ҳуқуқи ӯро оид ба пешниҳоди даъво дар бораи ситонидани зарари молумулкӣ, маънавӣ ва тартиби пешниҳоди чунин даъворо фаҳмонида диҳад.

Зараре, ки ба шаҳрванд дар натиҷаи шиканҷа, муносибат ва ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ ё таҳқиркунандаи шаъну шараф расонида шудааст, бояд бо тартиби пешбининамудаи КМҶ ва КГ ҷуброн карда шавад.

Мутобиқи талаботи қисмҳои 2 ва 3-и моддаи 466 КМҶ, агар маълумоти дастгир намудан, ба ҳабс гирифтан, муваққатан аз вазифа дур сохтан, дар муассисаи тиббӣ ҷойгир кардан, маҳкум намудан ва амалҳои дигари ғайриқонунии нисбат ба шахс татбиқшуда дар матбуот чоп карда, тавассути радио, телевизион ва воситаҳои дигари ахбори омма интишор шуда бошад, бо талаби шахси мазкур ва дар ҳолати фавти ӯ бо талаби хешовандони ӯ ё супориши суд, прокурор, муфаттиш ё мақомоти таҳқиқ воситаҳои дахлдори ахбори умум вазифадоранд, ки дар муддати як моҳ дар ин бобат хабари зарурӣ интишор намоянд.

Бо талаби шахс ва дар ҳолати фавти ӯ бо талаби хешовандони ӯ судя, прокурор, муфаттиш, мақоми таҳқиқ вазифадоранд, ки дар муддати то чордаҳ шабонарӯз доир ба бекор кардани қарорҳои ғайриқонунии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ба ҷои кор, таҳсил ё зисти ӯ ба тариқи хаттӣ хабар диҳанд.

21. Шахсе, ки дар содир намудани ҷиноят гумонбар шудааст, дар изолятори (тавқифгоҳи) муваққатӣ нигоҳ дошта мешавад, ба истиснои хизматчиёни ҳарбӣ, ки дар гауптвахта ё шахсоне, ки ҷазои маҳруми аз озодиро дар муассисаҳои ислоҳӣ адо менамоянд, нигоҳ дошта мешаванд. Гумонбаршуда ва айбдоршаванда, ки нисбаташон чораи пешгирӣ дар намуди ҳабс татбиқ шудааст, дар изолятори (тавқифгоҳи) тафтиши пешакӣ нигоҳ дошта мешаванд.

22. Маъмурияти ҷойҳои дар ҳабс нигоҳ доштан вазифадоранд шикояти шахси дастгиршуда ё ҳабсшударо дар бораи татбиқи шиканҷа фавран ба прокурор супорад. Аз рӯи натиҷаи тафтиши шикоят прокурор ба тариқи муқаррарнамудаи моддаи 123-и КМҶ вазифадор аст, ки шикоятро дар давоми се шабонарӯз аз лаҳзаи гирифтани он баррасӣ кунад, дар ҳолатҳои истисно, агар барои санҷиши шикоят зарурати талаб карда гирифтани маводи иловагӣ ё андешидани чораҳои дигар пеш ояд, мумкин аст, ки шикоят дар мӯҳлати то ҳафт шабонарӯз баррасӣ гардад ва дар ин бора бо нишон додани моҳияти шикоят, ваҷҳҳои шикоят оид ба асоснок будан ё набудани он қарори қонунӣ қабул карда мешавад.

Агар ваҷҳҳои шикоят дар бораи татбиқи шиканҷа ва дигар намудҳои муносибат ва ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ ё таҳқиркунандаи шаъну шараф тасдиқи худро ёфта бошад, он гоҳ прокурор қарори дар бораи оғоз намудани парвандаи ҷиноятиро қабул мекунад. Ҳамзамон, прокурор вазифадор аст қарори ғайриқонунии мавриди шикоят қарордоштаро бекор карда, чораҳоро оид ба барқарор кардани ҳуқуқҳои вайронкардашудаи шахси арзкунандаро андешад. Қарори прокурор бо дигар маводи санҷишӣ ба парвандаи ҷиноятӣ ҳамроҳ карда, нусхаи он ба шахси арзкунанда ирсол карда мешавад.

23. Дар сурате, агар шахси дастгиршудаи дар содир намудани ҷиноят гумонбаршуда ё ин ки дар ҳабс нигоҳ дошташуда, ба суд бо шикоят дар бораи нисбаташ татбиқи шиканҷа муроҷиат намояд, он гоҳ маъмурияти ҷойҳои нигоҳдории ҳабсӣ фавран онро ба суди ноҳиявӣ (шаҳрӣ)-и маҳалли ҷойгиршавии муассиса ирсол менамояд.

24. Тавзеҳ дода мешавад, ки дар сурате, агар шикоят дар бораи татбиқи шиканҷа ва дигар намудҳои муносибат ва ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ ё таҳқиркунандаи шаъну шараф дар мурофиаи судӣ пешниҳод гардида бошад, суд, судя вазифадор аст чораҳои бо қонун

пешбинишударо барои фавран баррасӣ намудани он андешида барояд. Агар барои пурра санҷидани шикоят анҷом додани чораҳое, ки ба салоҳдиди суд дохил намешавад (оғоз кардани парвандаи ҷиноятӣ, гузаронидани таҳқиқ ё тафтиш ва ғайра) зарур бошад, суд таъинот, қарор қабул намуда, ба зиммаи прокурор барои ба амал баровардани санҷиши дахлдор бо қайди мӯҳлати ба суд пешниҳод кардани маводи санҷишӣ вогузор мекунад. Маводи санҷиши шикоят ва қарорҳои мурофиавии аз рӯи он қабулшуда дар маҷлиси судӣ эълон гардида, ба парванда ҳамроҳ карда мешаванд.

Санҷиши мавод ва ба ҷавобгарӣ кашидани шахсони ҳаракатҳои ғайриқонунӣ содирнамуда барои боздоштани пешбурди парванда асос шуда наметавонад.

25. Суд, судяҳо бояд дар назар дошта бошанд, ки ҳангоми баррасии дархостҳои тарафҳо дар бораи хориҷ кардани далел аз қатори далелҳое, ки эҳтимолан бо татбиқи шиканҷа ё дар натиҷаи ҳаракатҳои дигари ғайриқонунӣ ба даст оварда шудаанд, ӯҳдадории исботи қонунӣ будани маводи ба даст овардашуда ба зиммаи айбдоркунанда вогузор карда мешавад.

26. Мутобиқи талаботи қисми 2-и моддаи 478 КМҶ ва моддаи

8-и Конвенсия талабномаи супоридани шаҳрванди давлати хориҷӣ, ки дар содир намудани шиканҷа дар қаламрави давлати хориҷӣ айбдор карда мешавад, бояд на танҳо дар ҳолати мавҷуд будани шартномаи дахлдор байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва давлати хориҷие, ки чунин талабномаро ирсол намудааст, балки дар асоси Конвенсия, ки асоси ҳуқуқӣ барои супурдани шахс ба давлати иштирокчии Конвенсия мебошад, қонеъ гардонида шавад.

27. Ҳангоми баррасии талабномаи супоридани шаҳрванди давлати хориҷӣ, ки дар содир намудани ҷиноят айбдор ё дар қаламрави давлати хориҷӣ маҳкум шудааст, бахри иҷроиши талаботи моддаи 3-и Конвенсия ҳолатҳое, ки мавҷуд будан ё набудани таҷрибаи вайронкунии мунтазами дағалона, даҳшатовар ва оммавии ҳуқуқи инсон дар давлати хориҷие, ки чунин талабномаро ирсол намудааст, шаҳодат медиҳад, муайян карда мешаванд. Дар сурати мавҷудияти чунин воқеият ва асосҳои кофӣ, эҳтимолияти хавфи нисбати шахси супурдамешуда татбиқ гардидани шиканҷа, шахси мазкур ба давлати хориҷие, ки чунин талабномаро ирсол намудааст, супурда намешавад.

28. Бо мақсади пешгирии шиканҷа ва дигар намудҳои муносибат ва ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ ё таҳқиркунандаи шаъну шараф ба суд, судяҳо зарур аст, ки агар ҳангоми баррасии судии парвандаи ҷиноятӣ риоя накардани ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрванд, инчунин риоя накардани муқаррароти қонун, ки зимни пешбурди таҳқиқ, тафтиши пешакӣ, баррасии судӣ ошкор намоянд нисбат ба онҳое, ки ба камбудӣ роҳ додаанд, ҳуқуқ доранд таъинотҳои (қарорҳои) хусусӣ бароранд.

Ҳангоми баровардани ҳукми сафедкунанда ё қарор дар бораи қатъ кардани парвандаи ҷиноятӣ бо асосҳои реабилитатсионӣ суд, судяҳо дар ҳама ҳолат бояд таъинот, қарорҳои хусусӣ қабул намуда, дар он масъалаи дар бораи ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани шахсони мансабдор (муфаттиш, таҳқиқбаранда, прокурор ва ғайра), ки дар ғайриқонунӣ дастгир кардан, ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани шахси бегуноҳ айбдор мебошанд, ба миён гузоранд.

**Раиси Суди Олии**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон** **Н.Абдуллоев**

**Котиби Пленум,**
**Судяи Суди Олии**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон** **М.Саидов**